**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14, E-mail: faridullo72@mail.ru**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Шарифзода Нурулло Шариф дар мавзуи «Баҳодиҳии захираҳои бонкӣ ҳамчун унсури иқтидори молиявию сармоягузории мамлакат», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

Дар шароити гузариш ба ислоҳоти иқтисодӣ нерӯи молиявии низоми бонкӣ бояд то дараҷае устувор бошад, ки он ҷиҳати ҳавасмандгардонии рушди соҳаҳои калидии иқтисоди миллӣ мусоидаткунанда бошад. Таҷриба исбот кардааст, ки низоми босамари бонкӣ барои коҳишдиҳии тамоюли хароҷот ва беҳтаргардии раванди тақсимоти захираҳои иқтисодӣ шароити заруриро фароҳам меорад. Таъмини шароити зикршуда боиси он мегардад, ки ҳосилнокии меҳнат афзоиш ёфта, рушди соҳаҳои иқтисодиёт таъмин карда шавад. Бо назардошти нуқтаҳои қайдшуда таҳқиқоти диссертатсиониро дар мавзуи «Баҳодиҳии захираҳои бонкӣ ҳамчун унсури иқтидори молиявию сармоягузории мамлакат» мубрам меҳисобем.Аз шиносоӣ ба автореферати диссертатсия маълум гардид, ки боби якуми таҳқиқот ҷанбаҳои назариявӣ-методии таҳқиқи захираҳои бонкӣ ва баҳодиҳии онҳоро дар шароити муосир дар бар мегирад. Дар ин қисмат оид ба таҳқиқи паҳлуҳои назариявии ташаккули захираҳои бонкӣ, захираҳои бонкӣ ҳамчун заминаи устувор дар баландбардории иқтидори молиявию сармоягузории мамлакат ва имкониятҳои татбиқи таҷрибаи хориҷии ташаккул ва баҳодиҳии захираҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодҳои мушаххаси назариявию методӣ оварда шудаанд.

Боби дуюми таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таҳлили вазъи муосири ташаккул ва баҳодиҳии захираҳои бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Ба муаллиф муяссар гардидааст, ки ҳолати муосири захираҳо ва накши бонкҳоро дар ташаккули иктидори молиявию сармоягузории мамлакат таҳлил намоянд. Ҳамчунин, захираҳои бонкӣ ва истифодаи онҳоро дар таъмини рушди иқтисоди миллӣ ва мавқеи сиёсати пулию қарзиро дар ташаккули захираҳои бонкӣ мавриди таҳлил ва баҳодиҳӣ қарор додааст.

Дар боби сеюми диссертатсия самтҳои асосии такмили баҳодиҳии захираҳои бонкӣ ва таъмини самаранокии истифодаи онҳо оварда шудааст. Муаллиф самтҳои бартаридоштаи такмили низоми баҳодиҳии захираҳои бонкӣ ва истифодаи онҳоро дар фаъолияти бонкӣ муайян намуда, дурнамои идоракунии захираҳои бонкӣ ва таъмини самаранок истифодабарии онҳоро дар рушди иқтисодиёти миллӣ таҳия кардааст.

Хулосаи автореферати диссертатсия натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқот ва тавсияҳоро оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои он дар бар мегирад, ки ба вазифаҳои гузошташуда ва навгониҳои ба даст овардашуда ҳамоҳанг мебошад.

Дар баробари ҷиҳатҳои мусбӣ автореферати тақризшаванда дорои камбудиҳои зерин мебошад:

1. Хуб мешуд, агар муаллифи диссертатсия аз мавқеи илмии иқтисодчиёни ватанию хориҷӣ оид ба моҳияти захираҳои бонкӣ хулосаи мушаххас баровarda, қобили қабул будани нуқтаи назари яке аз онҳоро дар шароити кунунии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон мушаххас менамуд.

2. Ба манфиати таҳқиқот мебуд, агар маълумоти омории ҷадвалҳо як давраи муайянро дар бар мегириф, масалан солҳои 2016-2023. Чун қоида, гуногун будани давраи таҳлилшаванда дараҷаи саҳеҳии натиҷаҳои илмиро то андозае коста мегардонад.

Камбудиҳои қайдшуда хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмии автреферат ва диссертатсияро коҳиш намедиҳанд ва автореферат нуқтаҳои асосии диссертатсияро низ инъикос менамояд. Автореферат ба ҳамаи талаботи

санадҳои меъёрӣ, аз ҷумла “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267) ҷавобгӯ мебошад. Чунин меҳисобем, ки муаллифи таҳқиқот сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Доктори илмҳои иқтисодӣ., дотсенти**
**кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва**
**андозбандии Донишгоҳи давлатии Данғара** **Қодирзода Х.Қ.**

**Имзои Қодирзода Х.Қ. - ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи давлатии Данғара** **Тоирзода С.Т.**

**Суроға:** 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳраки Данғара, кӯчаи Марказӣ 25,
Тел: (+992) 934348558,
E-mail: andoz-73@mail.ru,
Сомона: http://dsu.tj/